**ИНСТИТУТИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚИ АМИТ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:**343.32(575-3)
**ТКБ:**67.99(2).93(2Т)
**М** – 88

**МУСЛИҲИДДИНЗОДА МУСНУРИДДИН МУСЛИҲИДДИН**

# УСУЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ДОРОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТӢ

**АВТОРЕФЕРАТ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Диссертатсия дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** **Астанов Истам Рустамович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сардори кафедраи «Криминалистика ва экспертизаҳои судӣ»-и Академияи ҳифзи хуқуқи Ҷумҳурии Узбекистон;

**Самиев Назар Мурадович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон».

Ҳимояи диссертатсия 23 апрели соли 2026, соати 14.00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D КОА-43 назди Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3, толори Шурои диссертатсионии Академияи ВКД ҶТ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия тавассути сомонаи https://avkd.tj/ru/ ва дар китобхонаи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (734012, ш.Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______ соли 2026 фиристода шуд.

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Сафарзода Ҳ.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар натиҷаи болоравии низоъҳои сиёсӣ ва идеологӣ, ки дар ҷаҳони муосир бошиддат идома доранд, вазъи ҷинояткорӣ низ ба таври ҷиддӣ мураккаб гардида истодааст. Ба ҳайси хусусияти хоси ин раванд метавон зикр кард, ки ҷинояткорӣ шаклҳои гуногуни зуҳур пайдо намудааст. Агар ба вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, тайи солҳои охир афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мушоҳида мешавад, ки онҳо дар заминаи таҳаммулнопазирии динӣ, миллӣ ва ғоявӣ содир мегарданд. Чунин ҷиноятҳо бевосита ба амнияти давлатӣ, субот ва осоиши ҷомеа таҳдид менамоянд. Шаклҳои зуҳури экстремизм сол то сол, пеш аз ҳама, бо истифодаи фаъолонаи технологияҳои муосир, аз ҷумла технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ такмил меёбанд. Ин ҳолат фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти ошкор, пешгирӣ ва тафтиш намудани чунин ҷиноятҳо душвор мегардонад. Бо назардошти ин, зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ-амалӣ оид ба тавсифи нишонаҳои криминалистии ин гурӯҳи ҷиноятҳо ва таҳияи усулҳои самараноки ошкору тафтиши онҳо пеш меояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2024 таъкид намуданд, ки бо мақсади омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки ба талаботи шароити муосир барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ ҷавобгӯ мебошанд, зарур аст сатҳи маърифат ва малакаи касбии онҳо, инчунин таъминоти техникии ин сохторҳо боз ҳам беҳтар гардонида шавад. Зеро терроризм ва экстремизм имрӯз ба таҳдиди ҷиддии глобалӣ ва мушкилоти умумибашарӣ табдил ёфтаанд [1].

Ба натиҷаҳои мусбат дар мубориза бо терроризм ва экстремизм, истифодаи технологияҳои нави муқовимат ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар кишварҳои ИДМ нигоҳ накарда, ҳанӯз ҳам, таҳдидҳои зиёд ва афзоянда дар ин самт ҷой доранд. Маълумоти оморӣ дар кишварҳои ИДМ (дар

мисоли Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон) нигаронкунанда мебошад. Масалан, дар Ҷумҳурии Беларус сатҳи фаъолияти экстремистӣ нисбат ба соли 2022 ба андозаи 3,4% афзоиш ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон, баръакс, дар солҳои 2020–2021 коҳиши ҷиноятҳои экстремистӣ мушоҳида мегардид, вале дар соли 2022 афзоиши ногаҳонӣ ба қайд гирифта шуд – ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои 2020–2021 тақрибан 50% зиёд гардид. Маълумоти омории Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин кишварҳо тамоюлҳои гуногуни ҷиноятк орӣ ба назар мерасад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2021 афзоиши ҷиноятҳои ифротгароёна мушоҳида мешуд, аммо дар соли 2022 коҳиши онҳо ба андозаи 0,8% ба қайд гирифта шуд. Соли 2023 бошад, ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022 ба андозаи 24,6% афзоиш ёфт. Дар Федератсияи Россия динамикаи афзояндаи ин намуди ҷиноятҳо, ки аз соли 2019 то соли 2022 идома дошт, дар соли 2023 тағйир ёфта, коҳиш ба қайд гирифта шуд (14,4% нисбат ба соли 2022). Дар Ҷумҳурии Узбекистон, ки дар солҳои 2021–2022 низ афзоиши чунин ҷиноятҳо мушоҳида мегардид, соли 2023 баръакс коҳиши онҳо ба андозаи 13,2% (нисбат ба соли 2022) сабт шудааст [21].

Дар адабиёти криминалистӣ таъкид мешавад, ки барои ташкили тавсифи криминалистии ҷиноят аз шумораи зиёди унсурҳои криминалистии ин сохтор истифода бурда мешавад, ки ин метавонад ба ташаккули нодурусти хусусияти ҷиноят оварда расонад. Зиёд гардонидани унсурҳои криминалистии ҷиноят усули самараноки таҳқиқ ба ҳисоб намеравад, зеро шумораи ин унсурҳо набояд аз ҳад зиёд бошад.

Бояд қайд намуд, ки бо вуҷуди дастовардҳои муайян дар самти муқовимат ба экстремизм ва ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, то ҳол дар илми криминалистика масъалаҳои зиёди ҳанӯз ҳалнашуда мавҷуданд, ки ба тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо вобаста мебошанд. Масалан, то ҳол масъалаҳои марбут ба тарзи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва тактикаи иҷрои онҳо ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои

дорои хусусияти экстремистӣ пурра мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд.

Бо ҳамин асос, шарти зарурии ташаккули методи умумии криминалистии тафтиши ҷиноятҳо муайян намудани моҳияти криминалистии онҳо, ошкорсозии нишонаҳои барои тафтишот аҳаммияти муҳимдошта ба ҳисоб мераванд, ки дар умум ҷараёни тафтишро осон гардонида, имкони таснифи криминалистии ҷиноятҳоро фароҳам месозад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми криминалистикаи муосир, инчунин муайян намудани тартиби тафтиши ҷиноятҳо мебошад. Мутобиқ ба Қисми махсуси КҶ ҶТ ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ гурӯҳи махсуси ҷиноятҳоро ташкил медиҳанд. Ин ҷиноятҳо, одатан, бо мақсади бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ, ғасби ҳокимият ё ғайриқонунӣ нигоҳ доштани он, халалдор намудани тамомияти арзии давлат ва ноором сохтани тартиботи ҷамъиятӣ содир карда мешаванд.

Ҳамчунин, ангезаҳои ин гурӯҳи ҷиноятҳо бештар хусусияти ғоявӣ, миллӣ, сиёсӣ ва динӣ доранд. Дар воқеъ, ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба амнияти миллӣ таҳдид эҷод намуда, аз афзудани хавфнокии ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳанд, зеро онҳо ба асосҳои сохти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таҷовуз мекунанд.

Маҳз дар асоси ҳамин нишонаҳо тартиби тафтиши ин гурӯҳи ҷиноятҳо муайян мегардад. Масъалаи ташкили ҳамкории мутақобилаи байни муфаттиш ва воҳидҳои оперативӣ, инчунин истифодаи донишҳои махсус дар раванди тафтишот низ то ҳол яке аз самтҳои муҳим ва мубрами таҳқиқот маҳсуб мешавад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло метавон чанд хулосаи муҳим дар бораи аҳаммияти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро пешкаш намуд. Аввалан, чунин ҷиноятҳо дорои хусусиятҳои хос буда, барои таҳқиқи онҳо зарурати истифодаи усулҳои махсуси тафтишӣ ба миён меояд. Сониян, муайян кардани тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо барои пешбурди самарабахши тафтишот аҳаммияти муҳим дорад. Ҷиноятҳои

дорои хусусияти экстремистӣ аз мақомоти гуногуни ҳифзи ҳуқуқ талаб мекунанд, ки барои баланд бардоштани самаранокии тафтишот ҳамкории зич ва ҳамоҳангшуда ба роҳ монанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳқиқи мухтасари мушкилоти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар доираи мавзуъҳои асосии омӯзишии худ як қатор олимони маъруфи соҳаи криминалистика ва ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла Р Р.С. Белкин [23], Л.Я. Драпкин [5], Л.А. Соя-Серко [10], В.В. Степанов [4], М.С. Строгович [11], диққат додаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои марбут ба усулҳои умумии тафтиши ҷиноятҳо аз ҷониби олимон боз ҳам фаъолтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ба масъалаҳои мазкур таҳқиқотҳои диссертатсионии К.А. Алексаньян [2], В.П. Бахин [14], В.И. Брылев [15], А.В. Варданян [16], Н.Н. Васильев [3], В.Г. Выстропов [17] В.О. Давыдов [24], Д.Н. Еремин [25], И.В. Загребина [18], В.С. Капица [26], Р.В. Кулешов [27], А.М. Кустов [19], А.Ф. Лубин [28], М.Л. Подкатилина [22], Д.П. Рассейкин [7], И.В. Семенова [29], О.М. Ушаков, [30], Н.П. Яблоков [12], ва дигарон бахшида шудаанд.

Ин гурӯҳи олимон масъалаҳои вобаста ба шароити гузаронидани амалҳои тафтишӣ, инчунин механизми ба даст овардани далелҳо дар раванди амалисозии ин чорабиниҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Баъзе ҷанбаҳои тафтиши ҷиноятҳо ва мушкилоти гуногуне, ки бо онҳо алоқамананданд, аз ҷониби олимони ватанӣ: З.Ҳ. Искандаров [6], А.Қ. Назаров [20], Р.Р. Раҳматҷонзода [8], Н.М. Самиев [9], З.Д. Ямоқова [13], ба таври амиқ таҳлил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, бояд зикр кард, ки масъалаҳои амалӣ ва назариявии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ то ба имрӯз на дар илми криминалистикаи ватанӣ ва на дар илмҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба ва комплексӣ қарор нагирифтаанд. Ин ҳолат аҳаммият ва зарурати таҳқиқоти пешниҳоднамудаи муаллифро боз ҳам афзун мегардонад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи лоиҳаҳои илмии шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мувофиқи «Барномаи давлатии мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 тасдиқ шудааст, инчунин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ки, ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст, анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он иборат аст, ки донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии мавҷуда дар самти таҳияи усулҳои нави тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муттаҳид шуда, тавсияҳои тактикии гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешниҳод гарданд. Ин тавсияҳо ба ошкорсозӣ ва ҷамъоварии далелҳо дар парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ равона карда шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсади муайянгардида, вазифаҳои зерин барои иҷрои корҳои диссертатсионӣ муайян карда шуданд:

– таҳлили асосҳои назариявии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои экстремистӣ;

– ошкор ва муайян намудани субъектҳои ин гурӯҳи ҷиноятҳо;

– муайянсозии тарзу усулҳои содир гардидани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– асоснок намудани хусусиятҳои тактикии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва гузаронидани кофтуков ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои марбут ба экстремизм;

– мушаххас намудани тарзҳои гузаронидани пурсиш ва рӯбарӯкунӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ;

– баррасии масъалаи ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои мавриди таҳқиқ;

– муайян намудани имкониятҳои истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ.

**Объекти таҳқиқот** – шаклҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба ошкорсозӣ ва тафтиши самараноки чунин ҷиноятҳо ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишӣ ба ҳисоб мераванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** шаклҳои фаъолияти субъектҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар ҷараёни ташкили ҷиноят, омодагӣ ба он ва содир намудани чунин кирдорҳо; фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; инчунин воситаҳои методӣ ва криминалистӣ оид ба ошкорсозӣ, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст. Таҳқиқот оид ба диссертатсия аз соли 2022 оғоз гардида, инро мақолаҳои муаллиф, ки ба мавзуи таҳқиқот бахшида шудаанд, тасдиқ менамоянд.

Дар таҳқиқот ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015–2025 содир шудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ ва психологияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Р.С. Белкин, Л.Я. Драпкин, Л.А. Соя-Серко, В.В. Степанов, М.С. Строгович, К.А. Алексанян, В.П. Бахин, В.И. Брилев, А.В. Варданян, Н.Н. Василев, П.И. Иванов, В.Г.

Вистропов, В.О. Давидов, Д.Н. Еремин, И.В. Загребина, В.С. Капитса, Р.В. Кулешов, А.М. Кустов, А.Ф. Лубин, М.Л. Подкатилина, Е.И. Галяшина, Д.П. Рассейкин, И.В. Семенова, О.М. Ушаков, Н.П. Яблоков, З.Х. Искандаров, А.К. Назаров, Р.Р. Раҳматҷонзода, Х.С. Салимов, З.Д. Ямокова анҷом дода шудаанд.

Асоси назариявии таҳқиқот ҳамчунин аз қонунҳо ва санадҳои зерқонуние иборат аст, ки дар доираи мубориза бо экстремизм ва терроризм қабул гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои умумиилмӣ, усулҳои алоҳидаи илмӣ ва махсуси таҳлил истифода намудааст.

Аз усулҳои умумиилмӣ чунин усулҳо: мушоҳида, муқоиса, таҷриба, усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, лаҳзавӣ, низомнокӣ ва таърихӣ; аз усулҳои хусусӣ-илмӣ бошад – усули оморӣ ба кор бурда шуданд.

Истифодаи усули диалектикӣ имконият дод, ки роҳу усулҳои бештар паҳншуда ва алгоритмҳои истифодаи шабакаи Интернет барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти сохтор ва робитаи унсурҳои алоҳидаи он амиқтар мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Усули низомӣ-сохторӣ ҳангоми тавсифи роҳҳои ҷустуҷӯи иттилоот дар низомҳои иттилоотию коммуникатсионии интернет, ки ба ошкорсозии ин намуди ҷиноятҳо мусоидат мекунанд, инчунин ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои муайяни оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва амалҳои тафтишӣ истифода гардид.

Усули оморӣ барои асоснок кардани тамоюлҳои мавҷуда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баровардани хулоса оид ба он истифода шуд, ки самаранокии тактикаи амалҳои тафтишӣ на танҳо аз вазъияти мушаххаси ошкоршавии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, балки аз хусусиятҳои синнусолӣ, гендерӣ ва равонии шахсоне, ки ин ҷиноятҳоро содир намудаанд, вобастагӣ дорад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маводи амалияи судии судҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба 165 парвандаи ҷиноятӣ дар солҳои 2015–2025 иборат мебошад. Муаллиф маводи Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти вобаста ба 10 соли амалияи судии (2015–2025) Суди Олии ҷумҳурӣ ва судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии кишварро, ки ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ марбутанд, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки он яке аз нахустин таҳқиқоти комплексии криминалистӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба шумор меравад, ки дар он усули тафтиши чунин ҷиноятҳо, ки дар фазои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ истифода мегардад, ба таври муфассал пешниҳод шудааст.

Дар ин таҳқиқот бори аввал тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардида, ҷанбаҳои махсуси ин намуди ҷиноятҳо, аз ҷумла мақсад, ангеза, роҳу усулҳои содиркунии ҷиноят, хусусиятҳои шахсии субъекти чунин ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҳамчунин, усулҳои тафтиши чунин ҷиноятҳо пешниҳод гардидаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар таҳқиқот хусусиятҳои криминалистии субъектҳои ин намуди ҷиноятҳо ба таври низомнок баррасӣ шудааст. Ин амал имкон медиҳад, ки дар марҳилаҳои аввали тафтишот шахсони ҷинояткор ба таври саривақтӣ муайян карда шаванд ва замина барои баланд бардоштани натиҷанокии тактикаи амалҳои тафтишӣ фароҳам гардад.

Тавсияҳои тактикии асоснокшуда оид ба гузаронидани амалҳои аввалиндараҷаи тафтишӣ, монанди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, кофтуков, пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва дигар амалҳо бо дарназардошти хусусияти махсуси ҷиноятҳои экстремистӣ ва зарурати вокуниши фаврӣ ба чунин таҳдидҳо пешниҳод шудаанд.

Намунаи ҳамкории самараноки муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ, инчунин бо сохторҳои махсусгардонидашуда оид ба муқовимат ба экстремизм таҳия шудааст, ки ба баланд бардоштани сатҳи ошкоркунии ин гурӯҳи ҷиноятҳо мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои истифодаи донишҳои махсус дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда шудаанд. Аз ҷумла, нақши экспертизаҳои психологӣ-забоншиносӣ, диншиносӣ ва компютерӣ-техникӣ дар раванди исботкунии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ арзёбӣ мегардад.

**Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия шудааст, ки равишҳои нави таҳлили унсурҳои криминалистӣ, хусусиятҳои омодагӣ, содиркунӣ ва пинҳонсозии ҷиноят, инчунин нишонаҳои иштирокчиёни ҷиноятро асоснок менамояд. Ин имконият медиҳад, ки амалҳои тафтишӣ дақиқтар муайян гардида, натиҷанокии онҳо баланд бардошта шавад.

Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои амалияи тафтишӣ ташаккул дода шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ равона шудааст.

Ба сифати унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавон нишонаҳои зеринро ворид намуд: 1) мақсад ва ангезаҳои содир кардани ҷиноят; 2) роҳу усулҳои содиркунии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; 3) олот ва воситаҳои содир намудани чунин ҷиноятҳо; 4) пайҳои содир намудани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ; 5) хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор; 6) ҷойи содиркунии ҷиноят.

2. Дар таҳлили ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хусусияти психологӣ-криминалистии субъектоне, ки онҳоро содир менамоянд, нақши муҳим дорад. Он маҷмуи хусусиятҳои шахсиятро, ки рафтор ва ангезаро муайян месозанд дар бар

мегирад. Дар ин замина, хусусиятҳои шахсӣ ва рафтории чунин субъектон на аз сохтори ташкилоти экстремистие, ки ҷиноят дар доираи он содир шудааст, балки аз он гурӯҳҳое вобастаанд, ки онҳо қаблан ба онҳо мансуб будаанд.

Маълумоти оморӣ ва эмпирикӣ нишон медиҳанд, ки дар аксари ҳолатҳо ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро ҷавонон содир мекунанд. Дар ин гурӯҳи синнусолӣ, чунин шахсон бештар ҳамчун ташаббускорон ва иҷрокунандагони ҷиноятҳои мазкур баромад мекунанд, ки ин хусусияти ҷалбшавӣ ва сохтори ангезавии онҳоро инъикос месозад.

Иштироки ҷавонон ва наврасон дар фаъолияти экстремистӣ метавонад бо набудани таҷрибаи кофии ҳаётӣ, буҳрони ташаккули шахсият ва шароити душвори иҷтимоӣ тавзеҳ гардад. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид кард, ки субъектҳои синну соли миёна ва калонсол бештар чунин ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро, мисли: тарғиби ғояҳои экстремистӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ; маблағгузории фаъолияти экстремистӣ аз мавқеи ташкиливу идоракунӣ; иҷрои вазифаҳои машваратӣ, ташкиливу идоракунӣ бо мақсади паҳн намудани ғояҳои экстремизм ва терроризмро содир менамоянд.

3. Зарур аст, ки ҳамкории мустаҳкам ва пайваста миёни муфаттишон ва кормандони мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба роҳ монда шавад.

Ин ҳамкорӣ бояд то ҳадди имкон ҳамоҳанг ва мутобиқ гардонида шавад, то ки фаврӣ будан ва натиҷанокии тафтишот бо дарназардошти риояи қоидаҳои мурофиавӣ таъмин гардад.

Меъёрҳои асосии ҳамкорӣ ин такмил додани механизмҳои ҳамкории байниидоравӣ мебошад, ки ба баланд бардоштан ва қонунӣ будани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин ба дарёфт ва коркарди далелҳое равона шудаанд, ки барои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ муҳим мебошанд.

Бо мақсади беҳтар намудани ҳамоҳангии амалҳо дар доираи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, муаллиф модели консептуалии ҳамкории байниидоравиро

пешниҳод менамояд, ки ба содагардонии мубодилаи иттилоот байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигаронида шудааст. Ин модел ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти муштарак бо риояи қатъии меъёрҳои мурофиавӣ мусоидат мекунад. Истифодаи амалӣ ва татбиқи чунин модел метавонад сифату суръати тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистиро ба таври назаррас беҳтар намояд ва аз ин рӯ барои амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Зарур аст, ки муқарраротӣ мушаххаси ҳуқуқӣ оид ба ҳамкории байниидоравии муфаттишон ва кормандони мақомоти амалкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо муайян кардани доираи вазифаҳо, тартиби тобеият ва ҳамоҳангии онҳо дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти КДАМ, ВКД ва прокуратура танзим карда шавад.

Ба хотири баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, пешниҳод мегардад, ки дар қонунгузорӣ модели устувори ҳамкории муфаттишон ва кормандони мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти тақсими равшани ваколатҳо, тартиби мубодилаи иттилоот, шаклҳои ҳамкории расмӣ ва таъминоти меъёриву ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамчун далел, мустаҳкам карда шавад.

4. Дар консепсияи муаллиф оид ба тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ таваҷҷуҳ ба омилҳои аз ҷиҳати криминалистӣ аҳаммиятдошта равона шудааст, ки ба баланд бардоштани самаранокии ба даст овардани далелҳо мусоидат мекунанд. Дар ин замина, пешниҳоди истифодаи усулҳои махсуси тафтишӣ, ки ба таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ равона шудаанд, матраҳ мегардад.

Муайян намудани нишонаҳои муҳимми криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ имкон дод, ки тактикаи нави амалҳои тафтишӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад. Ба нишонаҳои хос, ки ба хусусияти ин намуди ҷиноятҳо рабт доранд, метавон амалҳоро шомил сохт,

ки ба халалдор намудани тартиботи ҷамъиятӣ, заиф гардондани асосҳои сохти конститутсионӣ ё поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона шудаанд: ангезаи баланди ғоявӣ; махфӣ будани фаъолияти ҷинояткор; истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ; сатҳи баланди латентӣ.

Низоми нави назариявии тактикаи амалҳои тафтишӣ, ки аз ҷониби диссертант пешниҳод гардидааст, ба истифодаи самараноки иттилооту маълумоти дорои хусусияти экстремистӣ ва бақайдгирии далелҳои ғоявӣ дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ равона шудааст. Ин низом имкониятҳои навро барои татбиқи амалии мубориза бо экстремизм фароҳам меорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои аз ҷониби муаллиф баёнгардида метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, инчунин дар таҳияи барномаҳо ва санадҳои ҳуқуқие, ки ба фаъолияти экстремистҳо ва паҳншавии ғояҳои онҳо марбутанд, истифода шаванд.

Аҳаммияти амалӣ низ дорои арзиши баланд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ба тафтиши чунин ҷиноятҳо машғуланд, истифода карда шаванд. Ин таҳқиқот метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми омӯзиши фанҳои экспертизаи судӣ ва ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, инчунин дар рафти ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси тахассусӣ мавриди амал қарор гирад. Ҳамчунин, он метавонад дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳавӣ ва хизматчиёни давлатӣ, инчунин дар бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, педагогҳо ва равоншиносон истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили амиқ ва

ҳамаҷонибаи таҳқиқотҳои амаливу назариявие ба даст омадаанд, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; консепсияҳои муаллиф, ки ба таҳияи тавсияҳои назариявӣ-амалӣ мусоидат мекунанд; таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ; омӯзиши тартиби гузаронидани амалҳои тафтишӣ, инчунин таҳқиқи вазъи кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои ислоҳи низоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бахшида шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва моҳияти таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти экспертизаи судӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ӯ навгониҳои масъалаҳои таҳлилшавандаро асоснок намуда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро ташаккул додааст. Ин саҳм ҳамчунин дар услуби баёни муаллиф, нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок ва пешниҳоди мунтазами гузоришҳо аз рӯйи маводи диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ таҷассум меёбад.

Ҳалли масъалаҳои матраҳгардида дар диссертатсия дорои равиши мустақили муаллиф буда, ба пояи дастовардҳои муосири илми криминалистика асос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, барои ҳимоя тавсия шудааст. Хулосаҳо, муқарраротҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқот ироагардида дар мақолаҳои нашршудаи муаллиф ва баромадҳои ӯ дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ инъикос ёфтаанд, аз ҷумла:

**А) байналмилалӣ:**

– конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсия» ва қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» – маърӯза дар мавзуи « Нақши муфаттиш дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» (Душанбе, 5-уми декабри 2025);

– IV-уми конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик – маърӯза дар мавзуи «Ташкили ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта» (ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025);

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули Қувваҳои Мусаллаҳ» – маърӯза дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамчун асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ» (4 ноябри соли 2025);

– Конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ: масоли қонунгузорӣ, илм ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Ҷанбаҳои ахлоқии амалисозии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (ш. Душанбе, 3 октябри соли 2025).

–Конфренсияи ҷумҳуриявӣ илмю назариви ҳайати устодону кормандон ва унвоҷӯёну докторантони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)» «700 – солгарди шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофиз Шерозӣ» «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқи Раҳимзода» – маърӯза дар мавзуи «Тавсифи криминалистикии экстремизм» (ш. Душанбе, соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия довталаб 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст,

ки аз онҳо 3-тояшон дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот муайян гардида, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб аз ҳашт параграф, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати нашрияҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаро ташкил медиҳад

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Боби якуми диссертатсия – **«Тавсифи умумӣ ва криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал – **«Асосҳои назариявии тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** диссертант баён медорад, ки тавсифи криминалистии ҷиноят моҳияти фаъолияти ҷиноятиро инъикос менамояд. Мафҳуми тавсифи криминалистии ҷиноят маҷмуи омилҳо ва нишонаҳои гуногунро дар бар мегирад. Масалан, тавсифи криминалистии ҷиноят маҷмуи ҷанбаҳое мебошад, ки хусусиятҳои ҷинояти содиршуда, нишонаҳо ва он иттилоотеро инъикос мекунанд, ки барои ошкору тафтиш намудани ҷиноят заруранд. Ба унсурҳои асосии ин тавсиф метавон чунин унсурҳоро дохил намуд: маълумот дар бораи ҷиноят ва намудҳои он, масалан, дар бораи хелҳои гуногуни ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти хусусияти ҳар як навъи фаъолияти ҷиноятӣ; аломатҳои ҷиноят, аз қабили ангеза ва мақсади ҷинояткор, ҷой ва вақт, усулҳои содир намудани ҷиноят. Ҳодисаи ҷиноят худи факти содир намудани ҷиноят ва ҳама унсурҳои ҳамроҳикунандаи он ҳисоб мешавад. Маълумот дар бораи усули пинҳон доштани ҷиноят, яъне пинҳон намудани пайҳои ҷиноят, несту нобуд намудани далелҳо, сохтакории ҳуҷҷатҳо, суиистифодаи ашё ва дигар маводҳо. Аломатҳое, ки барои тафтишот аҳаммият доранд, яъне хусусиятҳои ҷойи ҳодиса, пайҳо дар ҷойи ҳодиса, инчунин

аломаҳои дигаре, ки ҳангоми ошкор намудани ҷиноят нақши муҳим доранд. Унсурҳое, ки бо шахсияти ҷинояткор алоқаманд мебошанд: синну сол, ҷинс, мавқеи иҷтимоӣ, одатҳо ва ангезаи ҷинояткор. Вобаста ба он ки кадом аломати механизми содир намудани ҷиноят дар ин замина истифода мешавад, таърифи он ба мақсад мувофиқ шуморида намешавад, чунки дар назарияи криминалистика ҳама аломатҳои зикршуда ба таркиби механизми содир намудани ҷиноят дохил мешаванд. Механизми содир намудани ҷиноят ҷараёни тағйирёбандаи тайёрӣ, содир намудан ва пинҳон доштани ҷиноятро инъикос месозад. Аломатҳо ва унсурҳои тавсифи криминалистии зикршудаи ҷиноят баҳснок мебошанд, чунки нисбати онҳо олимон андешаҳои гуногун баён намудаанд. Андешаҳои мазкур мумкин аст ҳамчун маҷмуи ғояҳое баррасӣ шаванд, ки бо аломатҳои асосии криминалистии ҷиноят мутобиқат доранд. Дар ин замина, муаллиф таъкид менамояд, ки дар раванди тайёрӣ, содиркунӣ ва пинҳон доштани ҷиноят нақши асосӣ ба механизми содиркунии ҷиноят тааллуқ дорад.

Ба андешаи ӯ, омӯзиши маҷмуӣ ва объективии ин механизми мураккаб имкон медиҳад, ки тавсифи криминалистии ҷиноятҳо дақиқтар баён карда шавад. Дар асоси ҳамин андешаҳо муаллиф изҳор менамояд, ки механизми содиркунии ҷиноят ҳамчун иттилооти илмӣ асоснок фаҳмида мешавад, ки маҷмуаи унсурҳои криминалистии бо ҳам алоқаманди гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро дар бар мегирад, ки натиҷаи он ба фаъолияти зиддиқонунӣ мутобиқ аст. Яъне сохтори динамикии як гурӯҳи муайяни ҷиноятҳоро метавон механизми содиркунии ҷиноят номид. Таҳлили низомноки механизми содиркунии ҷиноят имкон медиҳад, ки баъзе унсурҳои дорои аҳаммияти аввалиндараҷа барои тавсифи криминалистии ин гурӯҳи кирдорҳо ҷудо карда шаванд.

Дар навбати худ масъала дар бораи ин унсурҳо, мазмун ва робитаи онҳо баҳснок боқӣ мемонад. Муаллиф зикр мекунад, ки сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳо доимӣ набуда, метавонад вобаста ба категорияи ҷиноят тағйир ёбад. Масалан, чунин унсурҳои он, мисли тарзи содир кардани ҷиноят, ҷой ва вақти содиршавӣ, хусусияти пайҳои боқимонда, метавонанд

вобаста ба навъи мушаххаси ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта тағйир ёбанд.

Диссертант таъкид мекунад, ки тавсифи умумии криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ инҳоро дар бар мегирад:

1) мақсадҳои содир намудани ин ҷиноятҳо;

2) ангезаҳои содир намудани ин ҷиноятҳо;

3)усулҳои содиркунии ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта;

4) олот ва воситаҳои содир кардани ҷиноят;

5) пайҳое, ки дар ҷойи ҳодиса ошкор мегарданд;

6) тавсифи криминалистии субъекти ҷиноят;

7) омилҳои вобаста ба замон ва макон, инчунин дигар омилҳои марбут ба ҷиноят;

8) хусусиятҳои криминалистии объекти таҷовуз;

9) хусусиятҳои ҷабрдидагони кирдорҳои экстремистӣ, аз ҷумла талабот ва шароите, ки аз ҷониби ҷинояткорон (субъектҳои фаъолияти экстремистӣ ё террористӣ) пеш гузошта мешаванд.

Унсурҳои зикршудаи тавсифи криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ сохтори муҳими механизми ҷиноятро ташкил медиҳанд. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки ба истиснои ин унсурҳо мумкинаст дигар унсурҳоро илова кард, ки ба низоми механизми ҷиноятҳои мушахас ки бо мақсади экстремисти содир мешаванд.

Дар зербоби дуюм – **«Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** муаллиф зикр менамояд, ки асос барои таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо маҷмуи қонуниятҳо ва механизмҳои содиршавии ҷиноятҳост, ки ба маълумоти эмпирикӣ ва натиҷаҳои илмӣ такя мекунад. Хусусияти криминалистии ҷиноят асоси манзур намудани тавсияҳо мебошад, ки ба такмил додани тактикаи амалҳои тафтишӣ ва таҳияи технологияҳои нави пешбурди ин амалҳо равона шудаанд. Ташкили чунин тавсияҳо дар амалияи тафтишӣ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои тафтиши ҷиноятҳо беҳтар гарданд.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки тавсифи криминалистии ҷиноят категорияи мустақили илмӣ мебошад. Ин мавқеъ дар криминалистика ҳамчун ҷузъи муҳимми илми криминалистӣ эътироф мешавад. Сохтори он ба тавре бунёд ёфтааст, ки унсурҳояш бо ҳам дар иртиботи зич қарор доранд ва робитаҳои ҳуқуқиро байни ин унсурҳо муайян менамоянд. Ин робита имкон медиҳад, ки нияти фаъолиятҳои ҷиноятӣ ошкор карда шуда, усулҳои мувофиқ ва асосноки тафтиш таҳия гарданд.

Тавсифи криминалистӣ нишонаҳои содиршавии ҷиноятҳо, аз ҷумла: тарзҳои содир намудани ҷиноят ва пайҳои он, маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткорон ва ҷабрдидагон, вақти содиршавӣ ва ҷойи анҷоми ҷиноятро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия баён шудааст, ки аз нигоҳи аҳаммияти амалӣ, бо унсурҳои иловагӣ пурра кардани тавсифи криминалистии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ зарурат надорад. Илова кардани унсурҳои нав ба унсурҳои амалкунандаи тавсифи криминалистии ҷиноят метавонад аҳаммияти назариявӣ ва амалии усули тафтиши ин навъ ҷиноятҳоро халалдор намояд. Ба ибораи дигар, ворид сохтани унсурҳои нав метавонад тафтишро бероҳа намуда, шароити носозгорро барои таҳқиқи ин гуна ҷиноятҳо ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои экстремистӣ бояд танҳо аз он унсурҳое иборат бошад, ки барои ба даст овардани маълумоти зарурӣ ҷиҳати ошкор ва тафтиши ин навъи ҷиноятҳо имконият фароҳам меоранд.

Унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, бо ташаккули як низоми муттаҳид, якдигарро пурра месозанд. Масалан, ҳангоми муайян намудани маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор, мумкин аст ба иттилооте такя кард, ки аз дигар унсурҳо ба даст меоянд, мисли тарзи содир кардани ҷиноят ва ҳолатҳое, ки дар он ҷиноят амалӣ шудааст. Маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор яке аз унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷиноят ба шумор меравад. Барои ошкор намудани ҷинояти экстремистӣ маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор ба муфаттиш дар муайян кардани ангеза ва мақсади кирдор ва дар қабули як қатор қарорҳои муҳимми тафтишӣ ёрӣ мерасонад. Дар асоси ин маълумотҳо ба

кормандони воҳидҳои оперативӣ супориш дода мешавад, ки ҷустуҷӯи ҷинояткорро ташкил намоянд, ё ин маълумот метавонад замина барои ба вуҷуд овардани тасвири умумии механизми содиркунии ҷиноят гардад.

Ҳамаи унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ хосиятҳои хоси худро доранд.

Муаллиф бар он ақида аст, ки аҳаммияти махсус дар доираи тавсифи криминалистии ҷиноятҳои экстремистӣ ба унсурҳои зерин тааллуқ дорад: шахсияти ҷинояткор ё намояндаи гурӯҳи ҷиноятӣ; тарзҳои содир намудани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ; оқибатҳои ҷиноят; шахсияти ҷабрдида; ҳолатҳои содиркунии ҷиноят; пайҳои ҷиноят.

Дар зербоби сеюм – **«Таҳқиқи криминалистии субъекти ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** диссертант зикр менамояд, ки яке аз унсурҳои асосии тавсифи криминалистии ҷинояти экстремистӣ маълумот дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҳолати ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят мебошад. Ин ҳолат, пеш аз ҳама, ба вазъи равонӣ ва ҷисмонии ӯ вобаста аст, яъне муайян кардан зарур аст, ки оё ҷинояткор дар вақти анҷоми кирдор аз ҷиҳати руҳӣ ва ҷисмонӣ солим буд. Хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор дар заминаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Хусусиятҳои равонӣ ва ҷисмонии шахсияти ҷинояткор ҳамчун ҷузъи таркибии хусусияти криминалистии ҷинояти экстремистӣ меъёри муҳимме барои дарк кардани механизмҳои рафтории ӯ ба шумор мераванд. Субъектҳои чунин ҷиноятҳо одатан дорои мавқеъҳои устувори ғоявӣ ҳастанд, ки ин ҳолат қобилияти онҳоро ба муколама бо намояндагони дигар андешаҳо кам мекунад. Субъектҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ метавонанд ба таъсири ғояҳои носаҳеҳ вобаста гарданд, ки онро барои сафедсозии кирдорҳои худ ба хотири дастёбӣ ба "ҳадафҳои олӣ" истифода мебаранд. Шахсоне, ки худро дар муҳити иҷтимоӣ ноком меҳисобанд, метавонанд барои дарёфти дастгирӣ ва ҳувият ба ғояҳои радикалӣ рӯ оваранд. Баъзан амалҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун раванди радикализатсияи гурӯҳҳои фарҳангӣ ё динӣ зуҳур мекунанд. Ҳамаи ин омилҳо дар механизми фаъолияти ҷиноятӣ, шароитҳои

объективӣ-субъективӣ ва ҳолатҳои зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ ташаккулёфта инъикос меёбанд.

Хусусиятҳои равонӣ ва иҷтимоии экстермистҳо маҷмуи васеи сифатҳои манфии инсониро дар бар мегиранд, аз қабили хашмгинӣ, бераҳмӣ, садизм, тарс ва ғазаб, ноустувории эҳсосӣ, нафрат нисбат ба онҳое, ки ақидаҳои ифротиро қабул намекунанд, бепарвоӣ нисбат ба ранҷу азоби дигарон, инкори арзишҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ, дурӣ аз ҷомеа, рад кардани арзишҳои суннатӣ, эътиқоди кӯр-кӯрона ба ғояҳои худ ва омодагӣ ба худқурбонкунӣ ба хотири он, майл ба худкушӣ, фанатизм ва бесабрӣ нисбат ба ақидаи дигар ва ғ. Илова бар ин, экстремистҳо одатан барои ба даст овардани нуфуз дар муҳити худ мекӯшанд, ба пинҳонкорӣ ва рафтори низоъангез майл доранд, аз зӯроварӣ ва намоиш додани қудрат лаззат мебаранд, ба эҳсосоти шадид ниёз доранд ва ба ҳамин сабаб ба иштирок дар муноқишаҳо ё вазъиятҳои хатарнок рӯ меоранд.

Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, одатан аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва аъзои иттиҳодияҳои ҷиноятӣ содир карда мешаванд, яъне аз ҷониби сохторҳои гурӯҳӣ, ки шумораи аъзоёнаш беш аз 10 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин ҳолат таҳлили эмпирикӣ, ки муаллиф анҷом додааст, шаҳодат медиҳад. Ин ду навъи гурӯҳҳои ҷиноятӣ, ки амалҳои зиддиқонунӣ анҷом медиҳанд, мақсад ва усулҳои гуногун доранд, вале аз ҷиҳати ғоявӣ ба ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Гурӯҳи аввали онҳо бо мақсади ҳамла ба намояндагони ҳокимият, расонидани зарар ба саломатӣ ё дигар кирдорҳои хавфнок ташкил карда мешавад. Мақсади гурӯҳи дуюм бошад, расонидани фишори равонӣ ба дигарон аст, то онҳоро ба ҳамроҳшавӣ ба гурӯҳи ифротӣ водор созад. Шумораи чунин гурӯҳҳо аз хусусиятҳои равонии аъзои онҳо ва муҳити иҷтимоӣ вобаста аст. Дар чунин гурӯҳҳо метавонад аз 5 то 15 нафар ва бештар аз он иштирок намояд. Раванди радикализатсияи иштирокчиён дар чунин гурӯҳҳо нақши муҳим мебозад. Онҳо, одатан, дар дурустии амалҳои худ эътиқоди қавӣ доранд. Табиист, ки дар чунин гурӯҳҳо роҳбарон мавҷуданд, ки ба равандҳои радикализатсияи ғоявӣ майли бештар доранд.

Таҳқиқотчиён қайд мекунанд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноятҳо шахсони дорои майлҳои экстремистӣ бештар дар синни ҷавонӣ фаъолона амал мекунанд. Ҳамин тавр, дар сохтори ҷиноятkории ҷавонон ноболиғон нақши муҳим доранд, ки на танҳо ҳамчун иҷрокунандагон, балки баъзан ҳамчун ташкилкунандагони амалҳои дорои хусусияти экстремистӣ баромад менамоянд.

Чунин тамоюл (яъне иштироки ҷавонон дар фаъолияти экстремистӣ) бо набудани таҷрибаи зиндагӣ ва бухрони ташаккули шахсияти наврасон шарҳ дода мешавад.

Воқеан, синну соли субъекти ин намуд ҷиноятҳо ҷузъи муҳимми тавсифи криминалистӣ мебошад. Аз таҳлили таҷрибаи чунин ҷиноятҳо метавон ба хулоса омад, ки шахсони синни миёна ва калонсол одатан дар содир намудани кирдори ҷиноятӣ фаъол мебошанд. Дар аксари ҳолатҳо дар байни иштирокчиёни гурӯҳҳои экстремистӣ маҳз шахсони синни миёна ва калонсол бештар ба назар мерасанд, ки ба фаъолияти таблиғотӣ ё маблағгузории фаъолияти экстремистӣ машғул мешаванд.

Дар зербоби чоруми диссертатсия – **«Низоми тарзҳои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** муаллиф таъкид мекунад, ки дар баробари дигар унсурҳои тавсифи криминалистии ҷиноят, усулҳои содиркунии ҷиноятҳои экстремистӣ низ яке аз унсурҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Маҳз тавассути муайян намудани усули содир намудани ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ метавон муайян кард, ки чунин ҷиноятҳо дар шароитҳои пинҳонӣ ва бо риояи қоидаҳои махфӣ (конспиратсионӣ) амалӣ карда мешаванд. Ин марҳилаи омодагӣ, одатан, аз як қатор амалҳои зерини зерин иборат аст: таъмин намудани аъзои гурӯҳ бо олот ва воситаҳои содир намудани ҷиноят (аз тирфишанг, моддаҳои тарканда ва дастгоҳҳои инфиҷорӣ то варақаҳои таблиғотӣ, маводи аудиоӣ ва видеоӣ, рамзу нишонаҳо, либоси махсус ва дигар ашёи зарурӣ); таҳияи роҳҳои пинҳон намудани олот ва иштироки аъзои гурӯҳ, аз ҷумла истифодаи ниқобҳо, ки бештар ҳангоми содир кардани амалиёти террористӣ ва ба гаравгонгирӣ истифода мешаванд; интихоби ҷойи содиркунии ҷиноят бо назардошти шароите, ки ба

ҷинояткорон имкон медиҳад ҳадафҳо ва ангезаҳои худро амалӣ созанд; анҷом додани навъе аз «репетитсия»-и ҷинояти банақшагирифташуда дар шароите, ки ба воқеият наздик аст; таҳияи мундариҷаи талабот, даъватномаҳо ё муроҷиатҳои таблиғотӣ (аз ҷумла сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ), инчунин интихоби шахсоне, ки онҳоро ироа хоҳанд кард; интихоби иҷрокунандагони мушаххас, ки омодагии хуби ғоявӣ, равонӣ, ҷангӣ ё варзишӣ доранд; тақсимоти вазифаҳо байни иштирокчиёни ҷиноят бо дарназардошти ҳолатҳои гуногун.

Муаллиф муфассал таъкид мекунад, ки содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ наметавонад тасодуфӣ бошад, зеро омодагӣ ба чунин ҷиноятҳо маҷмуи амалияҳои пешакиро дар бар мегирад. Ин амалҳо, асосан, аз иборат буда метавонанд:

1)ташкили гурӯҳҳои муайян, ки бо сохтори раддабандишуда ва ғояҳои махсус тавсиф мегарданд;

2) идоракунии фаъолияти ҷории ташкилоти экстремистӣ, яъне ҳамоҳангсозии амалҳо, ташкили робитаҳо ва таъмин намудани фаъолияти ҷиноятии он;

3) пешгирии боздошти аъзои ташкилот ва ҳифзи махфият, яъне андешидани чораҳо барои муҳофизати ҳаммаслакон, пинҳон доштани маълумот дар бораи ҷойгиршавӣ, роҳбарон, нақшаҳои амалиёт ва дигар иттилооти дорои хусусияти махфӣ.

Ба ғайр аз гуфтаҳои боло, омодагӣ ба содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва ҷалби ҷавонон ба чунин гурӯҳҳо, инчунин тавассути таблиғи экстремизм бо истифода аз усулҳои зерин амалӣ карда мешавад:

– паҳн намудани маводи таблиғотӣ дар шакли видеоҳо, аксҳо ва паёмҳои иттилоотӣ, ки ҷавононро ба анҷом додани фаъолияти экстремистӣ даъват мекунанд;

– даъват ба ташкил ва пешбурди ҷамъомадҳо (митингҳо) тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ;

– даъват ба амалҳои зӯроварона бо нашри паёмҳое, ки ошкоро ба содир намудани куштор ё дигар амалҳои зӯроварӣ даъват менамоянд;

– ташвиқ ба поймолсозии қонунгузории амалкунанда тавассути паҳн кардани маводе, ки ба нақзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон ташвиқ мекунад;

– истифодаи ҳештегҳои таблиғотӣ ва аккаунтҳои сохта, аз ҷумла истифодаи ҳештегҳои махсус бо мақсади паҳн намудани ғояҳои радикалӣ.

Дар боби дуюм – **«Тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** усули азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва гузаронидани кофтуков, инчунин усули пурсиш ва рӯбарӯкуниро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Дар зербоби аввал – **«Тактикаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва кофтуков ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки ҳангоми тафтиши ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ усули гузаронидани амалҳои тафтишӣ аҳаммияти хеле муҳим дорад. Усули амалҳои тафтишӣ ҳангоми тафтиши чунин ҷиноятҳо бо мақсади ҷамъоварии далелҳо ба роҳ монда мешавад. Аз сифати гузаронидани усулҳои тактикии тафтишӣ натиҷаҳои ниҳоии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ вобастагӣ дорад.

Ба андешаи муаллиф, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ душвориҳое ба миён меоянд, аз ҷумла ба тафсири мафҳуми «ҷойи ҷиноят» вобастаанд, махсусан дар ҳолатҳое, ки робитаи байни ҷойи содиршавии ҷиноят ва худи ҷиноят равшан нест. Дар ин замина робитаи ҷойи азназаргузаронӣ бо ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Муайян карда мешавад, ки робитаи байни ҷойи азназаргузаронӣ ва ҷиноят метавонад ба дуруст ва самаранок гузаронидани амалҳои тафтишӣ таъсири мусбат расонад. Дар диссертатсия зикр мегардад, ки ҷойи азназаргузаронӣ ҳамчун унсури аломатҳои криминалистии ҷиноят метавонад нишондиҳандаи муҳимми барқарорсозии тасвири воқеии ҷиноят бошад, ва ин робита аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Масалан, аз эҳтимоли робитаи ҷойи ҳодиса бо ҷиноят, ки санҷидани он дар ҷараёни амалҳои тафтишӣ зарур аст.

Дар асоси принсипи фазо, ҷойи мушаххаси содиршавии ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ муайян карда мешавад, масалан, бино, ҳудуд ва ғайра. Ин меъёр имконият медиҳад, ки маҳалли дақиқи содиршавии ҷиноят муайян гардад ва бо такя ба он метавон нишонаҳои рафтори ҷиноятии субъекте, ки ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ содир кардааст, ошкор намуд.

Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодисаи марбут ба ҷиноятҳои экстремистӣ мумкин аст: ҳолатҳои воқеии ҷиноят муайян карда шаванд; робитаҳои сабабии ҳодиса, роҳҳои дохилшавӣ ва баромади ҷинояткорон муайян гарданд; шахсе, ки эҳтимолан шоҳиди ҳодиса будаанд, мушаххас карда шаванд; нишонаҳо ва далелҳои шайъӣ, ки дар ҷойи ҷиноят боқӣ мондаанд, ошкор ва сабт карда шаванд.

Ҳангоми азназаргузаронӣ низ метавон ангезаи ҷиноятро муайян намуд, масалан, аз рӯйи навиштаҷот, рамзҳо ё тасвирҳои графикӣ, ки дар ҷойи ҷиноят боқӣ мондаанд ва аз ҳадафҳои миллатгароёна, ё қавмӣ, ё динӣ будани кирдори ҷиноятӣ шаҳодат медиҳанд. Дар чунин ҳолат ҷалби коршиноси соҳавӣ – мутахассис оид ба рамзшиносӣ, динҳо ва монанди ин муҳим мебошад.

Азназаргузаронии ашёҳо дар ҷойи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз омӯзиши намуди умумӣ, ҳолат, таъинот ва қоидаҳои истифодаи онҳо оғоз мегардад. Дар ашё метавон изҳои арақу равғани рӯйи пӯст ва дигар изҳое пайдо кард, ки барои экспертиза аҳаммият доранд. Дар ин марҳила зарур аст, ки ҳамаи нишонаҳои ашё, ҳолати он, робитаи ашё бо ҷинояти экстремистии мавриди таҳқиқ муайян карда шаванд, ва ҳамзамон ин ашёҳо аксбардорӣ ва дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба таври муфассал сабт карда шаванд.

Азназаргузаронии ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷойи ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ ёфт мешаванд, низ аҳаммияти кам надорад. Он бо мақсади муайян намудани нишонаҳое анҷом дода мешавад, ки имкон медиҳанд ин ҳуҷҷатҳоро ба далелҳои шайъӣ мансуб донист ва аҳаммияти криминалистии онҳоро аз нигоҳи мазмун муайян кард. Экспертизаи судӣ дар ин самт хусусиятҳои махсуси худро дорад. Ҳангоми таҳқиқи муфассали ҳуҷҷат истифодаи

воситаҳо, усулҳо ва тарзҳои техникӣ, ки метавонанд боиси осеб ё тағйир ёфтани ҳуҷҷат гарданд, қатъиян манъ аст.

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ яке аз воситаҳои муҳими (ва ҳатмии) тафтишӣ ин кофтуков мебошад, ки ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт будани он барои самаранок кушодани ҷиноят аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Таъхир дар гузаронидани кофтуков метавонад ба раванди тафтишот ва натиҷаҳои он таъсири манфӣ расонад. Дар бештари ҳолатҳо зарурати гузаронидани кофтуков аз ҳолатҳои мушаххаси парванда ва сатҳи хатари содиршавии ҷиноят вобаста аст.

Ҳангоми гузаронидани кофтуков як қатор усулҳои тактикӣ мавҷуданд, ки истифодаи онҳо натиҷаҳои мусбат медиҳад. Масалан, омили ногаҳонӣ дар рафти кофтуков яке аз меъёрҳои муҳимми самаранокӣ ба ҳисоб меравад. Аммо дар амал ҳолатҳое мавҷуданд, ки бидуни иттилооти мушаххас гузаронидани кофтуков ғайриимкон мегардад. Бо мақсади ҷамъоварии маълумоти зарурӣ, баъзан кофтуков метавонад муддате ба таъхир гузошта шавад. Ин бошад, мумкин аст, дар оянда гузаронидани ин амали тафтиширо душвор гардонад.

Дар зербоби дуюм – **«Тактикаи баамалбарории пурсиш ва рӯбарӯкунӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** муаллиф, бо такя ба сарчашмаҳои дахлдор, таърифи зерини пурсишро пешниҳод менамояд: пурсиш – ин амали тафтишии мураккаби дорои хусусияти равонӣ мебошад, ки муборизаи равонии ду шахсро бо манфиатҳои муқобил ифода мекунад. Гузаронидани пурсиш аз муфаттиш донистани қонунҳои илмии равоншиносиро талаб мекунад.

Дар ҷараёни пурсиш, муфаттиш бояд маълумотҳои исботкунандаи онро ки шахси пурсидашаванда қасдан ҷинояти дорои хусусияти экстремистиро содир намудааст, муайян созад. Дар навбати худ, ҷабрдида метавонад маълумоти дигареро пешниҳод кунад, ки ба хусусият ва ангезаҳои ҷиноят дахл доранд. Аз ин рӯ, муайян намудани ангезаҳо мушаххассозии дақиқро талаб менамояд. Умуман, пеш аз пурсиши ҷабрдида, зарурати анҷом додани як қатор чорабиниҳо ба миён меояд:

а) омодагӣ ба пурсиш чанд марҳилаи муҳимми зеринро дар бар мегирад: муфаттиш бояд шахсеро, ки ба пурсиш даъват карда мешавад, сари вақт дар бораи вақт ва ҷойи гузаронидани ин амали тафтишӣ огоҳ созад; вақти мувофиқро барои гузаронидани пурсиш дуруст интихоб намояд; имкони истифодаи воситаҳои техникӣ пешбинӣ карда шавад; инчунин нақшаи пурсиш бодиққат таҳия гардад, ки дар он пайдарҳамии саволҳои пешниҳодшаванда пешакӣ андешида шавад.

б) Таъмини гирифтани нишондодҳои дуруст ва комил. Муфаттиш бояд маълумоти дастрасбударо пешакӣ таҳлил намояд; шахси мавриди пурсиш бояд ба таври дақиқ муайян ва шинохта шавад; тамоми ҳолатҳои марбут ба ҷиноят бояд равшан карда шаванд; далелҳое, ки метавонанд нишондодҳои шахси мавриди пурсишро тасдиқ ё инкор намоянд, ҷамъоварӣ ва мустаҳкам карда шаванд; ҷалби мутахассисон ва коршиносон дар соҳаи психология, тиб, криминалистика; инчунин бояд чораҳо андешида шаванд, то ки маълумоти дар раванди исботкунӣ бадастомада минбаъд дуруст ва самаранок истифода гардад.

Ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ба андешаи муаллиф, муайян намудани ҳақиқат ва бардуруғӣ дар нишондодҳои шахси мавриди пурсиш аҳаммияти асосӣ дорад. Барои ин метавон аз усулҳои зерин истифода кард:

– гузоштани саволҳои ғайричашмдошт дар ҷараёни пурсиши аввал, ки гумонбар барои онҳо ҷавоби омода надорад;

– гузаронидани пурсиш бо суръати баланд бо саволҳои ногаҳонӣ;

– имкон додан ба додани нишондодҳои бардурӯғ ва дар марҳилаи минбаъда ошкор намудани ихтилофҳо дар онҳо, бо гунаҳгорсозии гумонбар дар додани нишондоди бардурӯғ.

Агар муфаттиш гумонбарро дар додани нишондодҳои бардурӯғ ошкор намояд, ӯ вазифадор аст бо пешниҳоди далелҳои раднопазир бардурӯғ будани чунин нишондодро исбот намояд.

Дар асоси натиҷаҳои пурсиш, муфаттиш протоколи дахлдори пурсиш тартиб медиҳанд. Ҳангоми зарурат ба ин протокол хулосаҳои коршиносон низ замима карда мешаванд. Маҳз дар асоси ин ҳуҷҷатҳо метавон дар бораи огоҳии муфаттиш дар бораи

ҳодисаи содиршуда ва шахси онро содирнамуда хулосабарорӣ намуд.

Ҳангоми пурсиш дар парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ мумкин аст, ҳолате ба миён ояд, ки шахси мавриди пурсиш танҳо қисман айбдориро эътироф мекунад. Дар чунин вазъ муфаттиш барои муайян намудани ҳақиқат метавонад аз усулҳои тактикии зерин истифода барад:

а) Муфаттиш бояд муайян намояд, ки гумонбар дар чӣ иқрор шудааст ва кадом қисмҳои нишондодҳои ӯ эътимоднок нестанд. Зарур аст, ки иқрори воқеии гумонбар аз нишондодҳое, ки натиҷаи фишор, иштибоҳ ё омилҳои дигар мебошанд, фарқ карда шаванд. Ин амал ба баҳои дуруст додан ба дараҷаи гуноҳ мусоидат мекунад. Муҳим аст, ки барои гумонбар шароите фароҳам оварда шавад, ки ӯ тавонад нишондодҳои худро ихтиёрӣ ва дар доираи ҳуқуқҳои аз ҷониби қонун кафолатдодашуда пешниҳод намояд.

б) Ба гумонбар бояд аҳаммияти нишондодҳои ӯ фаҳмонида шавад. Яъне, лозим аст ба ӯ тавзеҳ дода шавад, ки нишондодҳои пешниҳодкардааш барои тафтиши пурра ва объективии парванда аҳаммияти калидӣ доранд. Ҳамзамон бояд фаҳмонида шавад, ки ҳар гуна амале, ки ба пинҳон кардани далелҳо равона шудааст, метавонад боиси оқибатҳои иловагии ҷавобгарӣ гардад.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки ҳангоми тафтиши ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ баъзан гузаронидани амали тафтишӣ ба шакли рӯбарӯкунӣ ҳатмӣ мебошад. Дар чунин ҳолат муфаттиш бояд ин амали тафтиширо бетаъхир ва бо риояи усулҳои тактикии пурмазмун анҷом диҳад.

Барои бартараф сохтани ихтилофҳо дар нишондодҳои шахсоне, ки қаблан дар доираи парвандаи экстремизм пурсиш шудаанд, муфаттиш рӯбарӯкуниро мегузаронад. Бо вуҷуди ин, гузаронидани рӯбарӯкунӣ на ҳамеша дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ натиҷаи мусбат медиҳад. Сабаб дар он аст, ки баъзан яке аз иштирокчиёни ин амали тафтишӣ метавонад иштирокчии дигарро маҷбур намояд, ки ба нишондодҳои бардурӯғи ӯ мувофиқат кунад, зеро ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, одатан, аз ҷониби шахсоне содир

мегарданд, ки аз ҷиҳати таъсири ғоявӣ ва равонӣ хеле таҷрибадор мебошанд.

Иштирокчиёни ин амали тафтиштиро набояд пешакӣ бо далелҳои ҷамъовардашуда ошно кард, зеро чунин амал метавонад ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад. Барои он ки рӯбарӯкунӣ самаранок гузаронида шавад, ба муфаттиш зарур аст, ки таъсири равонӣ ё фишори яке аз иштирокчиён ба иштирокчии дигарро пешгирӣ намояд, то ки ҳақиқати воқеии ҷинояти мавриди тафтиш дуруст муқаррар карда шавад.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки барои гузаронидани рӯбарӯкунӣ дар рафти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ба муфаттиш зарур аст, ки нақшаи дақиқ ва муфассал таҳия намояд. Танҳо дар ин сурат рӯбарӯкунӣ метавонад самаранок гузарад. Ба ин нақша, тахминан, метавон масъалаҳои зеринро ворид кард: кадом ихтилофҳои ҷиддӣ дар нишондодҳои шахси мавриди пурсиш мавҷуданд; хусусияти ин ихтилофҳо; кадом далелҳо ва маводҳо ба иштирокчиёни рӯбарӯкунӣ пешниҳод карда мешаванд; кадом саволҳо ба шахсони мавриди пурсиш дода мешаванд ва ғайра.

Хусусияти чунин рӯбарӯкунӣ дар он ифода меёбад, ки одатан он дар ҳолати ба миён омадани ихтилофот миёни шахсони қаблан пурсидашуда гузаронида мешавад. Барои бартараф ё кам кардани низоъ, муфаттиш бояд рафтори иштирокчиёни ҷиноят ва дигаронро зери назорати қатъӣ нигоҳ дорад, то ки таъсири тарафайни иштирокчиён ба якдигар пешгирӣ карда шавад.

Боби сеюми диссертатсия – **«Хусусиятҳои ташкилии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал – **«Ташкили ҳамкории муфаттиш бо воҳидҳои оперативӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** таъкид мегардад, ки тафтиши чунин ҷиноятҳо бештар аз ҳамкории муфаттиш бо кормандони воҳидҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ вобаста аст. Маҳз бо истифода аз кадрҳои баландихтисос ва кормандони дорои салоҳиятҳои касбӣ дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мумкин аст чунин ҷиноятҳоро ошкор ва тафтиш намуд. Ҳамкории байни

муфаттишон ва кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар асоси Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба роҳ монда мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии ҳамкорӣ байни муфаттиш ва кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ набудани дастрасии кофӣ ба иттилоот ва маҳдудиятҳои техникӣ мебошад. Масалан, маълумоти оперативӣ, ки дар натиҷаи гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ба даст меояд, на ҳамеша метавонад сари вақт ба муфаттиш ирсол гардад. Кор бо изҳои рақамӣ низ метавонад бо душвориҳо рӯ ба рӯ шавад, зеро ҷинояткорон, одатан, аз воситаҳои коммуникатсионии беном ва дигар усулҳои муҳофизати иттилоот истифода мебаранд.

Барои баланд бардоштани самаранокии тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ зарур аст, ки ҳамкории байни муфаттиш ва кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тақвият ёбад ва мубодилаи иттилоот дар ҳама сатҳҳо пурзӯр карда шавад. Ба самаранокии ҳамкории мазкур як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, аз ҷумла шаклҳои муборизаи мақомоти давлатӣ бо ташкилотҳои сиёсии экстремистӣ; шиддат ва хусусияти амалиёти ҷангӣ дар минтақаи фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; чораҳои пешгирикунанда ва назоратии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ оид ба пешгирии амалҳои террористӣ ва таҳрибкорӣ; урфу одат, ахлоқ, сатҳи диндории аҳолӣ; вазъи ҳарбӣ ва амниятии минтақа; ҳолати роҳҳои алоқа ва нақлиёт; шароити табиӣ-иқлимӣ; қоидаҳои амниятӣ ва низоми дохилӣ, ки ба воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ рабт доранд; вазифаҳо ва тарзҳои амалкарди ташкилотҳои экстремистӣ; инчунин сатҳи саводнокиии умумӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, хусусиятҳои равонӣ ва сатҳи омодагии махсуси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Дар доираи ду масъалаи асосӣ метавон натиҷаҳои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дуруст баҳогузорӣ намуд:

1) оё натиҷаи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд асос барои қабули қарорҳои мурофиавӣ бошанд;

2) оё ин натиҷаҳо, новобаста аз он ки онҳо асос барои қабули қарорҳои мурофиавӣ мебошанд ё танҳо манбаи иттилоотӣ, ба ҳолати умумии тафтишот таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби муфаттиш, пеш аз ҳама, маҳз аз нуқтаи назари имконияти истифодаи онҳо дар тафтишот амалӣ карда мешавад. Барои муфаттиш ҳангоми банақшагирӣ ва гузаронидани амалиётҳои оперативӣ-тактикӣ чунин тарз ба ташаккули ҳадафи тактикии асоснок мусоидат мекунад ва имкон медиҳад, ки вазифаҳои мушаххас гузошта шаванд ва вақти анҷом, ҷойи гузаронидан ва тартиби онҳо бо дарназардошти пайдарҳамӣ ва риояи меъёрҳои мурофиавӣ муайян карда шавад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр мегардад, ки вазифаҳои асосии ҳамкории муфаттиш ва кормандоне, ки чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ анҷом медиҳанд, бояд муайян намудани нишонаҳои ин гуна ҷиноятҳо, таъмини тафтиши пурра, ҳамаҷониба ва холисона муайян кардани шахсияти ҷинояткорон ва таъини ҷустуҷӯи онҳо бошанд. Ҳамкории муфаттиш ва корманди оперативӣ бештар ҳангоми ҳалли вазифаҳои марбут ба муайян кардан ва ҷустуҷӯи гумонбарон зоҳир мегардад. Дар марҳилаи аввалини тафтишот чунин вазифаҳо хусусияти умумӣ доранд, масалан: муайян намудани шахсияти гумонбар дар ҳолате, ки ӯ ҳуҷҷат надорад; ҷамъоварии маълумот дар бораи тарзи зиндагӣ, робитаҳо; муайян намудани тааллуқияти шахси боздоштшуда ба ташкилоти муайяни экстремистӣ, инчунин ошкор намудани сохтор ва дигар аъзои он; муайян кардани ҷойи истиқомат ё ҷойи кори гумонбарон бо мақсади бозёфт ва мусодираи силоҳ, маводи тарканда ва маводи марбут ба омодагӣ ба ҷиноят; ошкор намудани пинҳонгоҳҳо барои нигоҳдории ашёҳои муҳим; муайян кардани доираи шахсоне, ки дорои иттилоот мебошанд; санҷидани дахлдории гумонбарон ба дигар ҷиноятҳои монанд; муайян намудани нияти онҳо оид ба нишон додани муқовимат ба

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хусусиятҳои рафтори онҳо дар ҷараёни тафтишот ва дар суд; таъмини ҳимояи ҷабрдидагон ва шоҳидон.

Бо вуҷуди ин, шакли асосии ҳамкорӣ бештар дар фаъолияти гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ зоҳир мегардад. Ба таркиби чунин гурӯҳ ҳатман муфаттиш, корманди оперативӣ ва мутахассиси криминалист шомил мешаванд. Дар айни замон масъалаи ҳамкории зикршуда ба яке аз масъалаҳои асосӣ табдил ёфтааст, зеро муваффақияти тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бевосита аз самаранокии ин ҳамкорӣ вобаста мебошад.

Дар зербоби дуюм – **«Хусусиятҳои хоси истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ»** муаллиф таъкид мекунад, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ истифодаи донишҳои махсус зарур аст. Ин донишҳо, одатан, ҳангоми муайян намудани ангезаи ҷиноят дар шахси ҷиноят содирнамуда, ҳангоми таҳқиқи олоти содир намудани ҷиноят, инчунин ҳангоми таҳқиқи предмет ва объекти ҷинояти мазкур истифода мешаванд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи судӣ муаллиф муайян кардааст, ки дар аксарияти парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ чандин намуди экспертизаи судӣ-криминалистӣ таъйин карда мешавад, масалан: экспертизаи судӣ-тиббӣ, экспертизаи баллистикӣ, экспертизаи пайшиносӣ, экспертизаи хатшиносӣ. Ин намудҳои экспертиза аҳаммияти умумӣ доранд, зеро онҳо ҳангоми тафтиши намудҳои дигари ҷиноят низ таъйин карда мешаванд, аммо дар қарори муфаттиш оид ба таъини экспертиза ҳангоми тафтиши ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ вазифаҳои иловагӣ барои коршиносон низ муайян карда мешаванд.

Зикр кардан лозим аст, ки ҳангоми таъин намудани экспертизаҳо дар таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ баъзе мушкилот ба миён меоянд. Ин мушкилот одатан ҳангоми таъин ва интихоби коршинос ва муассисае, ки экспертиза ба он супурда мешавад, ба вуҷуд меоянд; илова бар ин, ҳангоми гузоштани саволҳо ба коршиносон низ баъзе мушкилот ба назар мерасанд.

Истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ унсури муҳимми баланд бардоштани самаранокии раванди тафтишот мебошад. Таҳлили маводи назариявӣ ва таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, ки барои ошкор ва исбот намудани чунин ҷиноятҳо таъини як қатор экспертизаҳои судӣ зарур аст, аз қабили экспертизаи руҳшиносӣ, забоншиносӣ, диншиносӣ, муаллифшиносӣ ва ғайра, ки гузаронидани онҳо бидуни донишҳои махсус ғайриимкон мебошад.

## Хулоса

Таҳқиқи масъалаҳое, ки бо усули тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ алоқамананд, муаллифро ба хулосаҳои зерин овардааст:

1) Мафҳуми «тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ» дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои таҷрибаи тафтишотӣ шакл мегирад, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ равона шудааст [2-М].

2) Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба таҳлили он ҷанбаҳо равона шудааст, ки ба ошкор намудани чунин ҷиноятҳо ва дар ин асос коркарди усулҳои ошкор ва тафтиши онҳо мусоидат менамоянд. Мақсади ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо халалдор сохтани тартиботи ҷамъиятӣ, барангехтани кинаву адовати қавмӣ, динӣ ё иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд [2-М].

3) Дар баробари унсурҳои амалкунандаи тавсифи криминалистии ҷиноят эҷод намудани унсурҳои иловагӣ нисбати ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ метавонад аҳаммияти назариявӣ ва амалии усулҳои тафтиши чунин намудҳои ҷиноятро халалдор созад. Яъне, эҷоди унсурҳои нав тафтиши ҷиноятро ба бунбаст ё барои тафтиши ин намуд ҷиноятҳо шароити номусоид ба вуҷуд орад.

4) Маълумот нисбат ба шахсияти ҷабрдидагон на ҳамеша дақиқ аст, махсусан дар ҳолатҳое, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аз мавқеи эҳсосотӣ баррасӣ мегарданд: тавассути

нашри маводи экстремистӣ дар интернет ё изҳори ҳамбастагӣ бо чунин мавод дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

5) Экстремистҳо аксаран бо сатҳи пасти маълумот, зеҳн ва фарҳанг, инчунин бо ҷасурӣ, хашмгинӣ ва афзалият додан ба манфиатҳои шахсӣ тавсиф карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, чунин тавсиф сатҳӣ ва яктарафа буда, хусусиятҳои амиқи шахсии ҷинояткоронро ба инобат намегирад.

Дар айни замон, барои муфаттиш донистани тавсифи криминалистии хоси шахсе, ки ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ содир мекунанд, муҳим мебошад. Таҳлили сарчашмаҳои гуногуни амалии таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки баъзе субъектҳои ҷиноятҳои экстремистӣ метавонанд ба бемориҳои ҷиддии руҳӣ гирифтор бошанд.

Илова ба ин, муаллиф муайян кардааст, ки гарчанде экстремизм бештар дар байни ҷавонон паҳн шудааст, ҳамчунин шахси синну соли миёна ва ҳатто калон низ мавҷуданд, ки ақидаҳои таҳаммулнопазирии ғоявиро тарғиб мекунанд.

6) Ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчунин ҷиноятҳои дорои хусусияти ташкилотию идоракунӣ номида мешаванд. Маҳз дар чунин ҷиноятҳо хусусияти гурӯҳӣ ва ташкилшудаи ин намуди фаъолияти ҷиноятӣ ба таври равшан зоҳир мегардад. Илова бар ин, гурӯҳҳои дорои хусусияти махсуси экстремистӣ, ба монанди воҳидҳои муташаккили мусаллаҳи ғайриқонунӣ, иттиҳодияҳои ҷиноятӣ, ки шумораашон зиёда аз 10 нафарро ташкил медиҳад, аҳаммияти муҳим доранд. Дар мавриди гурӯҳҳое, ки ҷиноятҳои таблиғотиро содир мекунанд ва бо таъсири равонӣ ба дигар шахсон бо мақсади анҷом додани фаъолияти экстремистӣ машғуланд, бештар, аз 3 то 6 нафарро ташкил медиҳанд [5-М].

7) Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар ошкор намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин марҳилаи тафтишот далелҳои муҳим ҷамъоварӣ карда мешаванд, ҳолатҳои ҳодиса муайян мегарданд ва робитаи байни далелҳои гуногун муайян карда мешавад. Ин барои муваффақияти тафтишот аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои

хусусияти экстремистӣ ба он изҳо таваҷҷуҳи махсус дода мешавад, ки метавонанд ба ангезаҳои ҷиноят ишора кунанд, аз ҷумла рамзҳо, олоти содир намудани ҷиноят ва дигар далелҳо, ки аз хусусияти экстремистии кирдор шаҳодат медиҳанд.

8) Пурсиш ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ на танҳо раванди мурофиавӣ мебошад, балки муборизаи равонӣ низ ба ҳисоб меравад, ки дар он муфаттиш барои ошкор намудани далелҳои воқеӣ аз донишҳои равоншиносӣ истифода мебарад. Пурсиши самаранок бидуни таҳлили пешакии шахсияти шахси мавриди пурсиш ва барқарор намудани иртиботи равонии устувор бо ӯ ғайриимкон аст. Фаҳмидани ҳолати равонӣ-эмотсионӣ ва хусусиятҳои дарки иттилоот аз ҷониби шахси мавриди пурсиш имкон медиҳад, ки натиҷаҳои беҳтарин ба даст оварда шаванд. Пурсиши ҷабрдидагон ва шоҳидон дар ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ омодагии махсусро талаб мекунад.

9) Гузаронидани рӯбарӯкунӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ амали тафтишии аз ҳама муҳим ба ҳисоб меравад, ки ба муайян намудани ҳақиқат ва ошкорсозии ихтилофҳо дар нишондодҳои иштирокчиён равона шудааст. Барои баланд бардоштани самаранокии рӯбарӯкунӣ зарур аст, ки барои муфаттиш тавсияҳои муфассали методӣ оид ба истифодаи усулҳои тактикӣ ва равишҳои психологӣ-криминалистӣ таҳия карда шаванд, ки ин имкон медиҳад хавфи ба вуҷуд омадани низоъ байни иштирокчиёни ҷиноят кам карда шавад ва эътимоднокии далелҳои ҷамъшаванда баланд гардад.

10) Истифодаи донишҳои махсус ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ҳамчун омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии раванди тафтишот арзёбӣ мешавад. Таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии судӣ нишон медиҳад, ки барои тафтиши ҳамаҷониба ва исботи боэътимоди чунин ҷиноятҳо таъйини як қатор экспертизаҳои тахассусии судӣ, аз қабили равоншиносӣ, руҳшиносӣ, забонишносӣ, диншиносӣ, муаллифшиносӣ ва ғайра аҳаммияти калидӣ доранд. Дар ин маврид доштани донишҳои махсус зарур аст, ки ба онҳо такя кардан на танҳо талаботи ҳатмии тафтишот ва мурофиа, балки омили муҳимми таъмини адолати судӣ ва

исботкунии ҳамаҷонибаи ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ба ҳисоб меравад [3-М].

11) Дар шароити муосир намудҳои гуногуни экспертизаҳо дар амалҳои мурофиавӣ, махсусан ҳангоми баррасии маводҳои дорои мазмуни динӣ нақши ниҳоят муҳим доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки интихоби намуди экспертиза бевосита аз ҳолатҳои мушаххаси парванда вобастагӣ дорад [3-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1) Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ як қатор талаботи ҳуқуқӣ барои гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҷинояти дорои хусусияти экстремистӣ бояд мустаҳкам карда шаванд; махсусан, бо мақсади пешгирии таъхирҳое, ки ба сифати тафтишот таъсири манфӣ мерасонанд, мухлатҳои ҳатмии анҷом додани ин амали тафтишӣ муқаррар карда шаванд [7-М].

2) Ваколатҳои муфаттиш оид ба ҷалби мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла равоншиносӣ, тиб, диншиносӣ ва ғайра бояд густариш дода шаванд, ки ин ба баҳодиҳии дақиқтари ангезаҳои ҷиноят, махсусан дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ, мусоидат мекунад.

3) Тартиби намунавии гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҷиноят дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ таҳия карда шавад ва зикри он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ пешбинӣ гардад.

4) Чораҳои иловагӣ оид ба тайёр намудани муфаттишон ва кормандони хадамоти фаврӣ қабул карда шаванд: ҷорӣ намудани курсҳои ҳатмии такмили ихтисос барои муфаттишон дар мавзуи мушкилоти азназаргузаронӣ дар парвандаҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ, ки ба баланд бардоштани сифату самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат мекунад.

5) Тарзи тартиб додани протоколи азназаргузаронӣ сода карда шавад: ворид намудани тағйирот ба тартиби таҳияи протокол, ки ба тавсеаи иштироки ҷабрдидагон дар азназаргузаронии ҷойи ҷиноят равона шудааст, то ки аз мушкилоти эҳтимолии вобаста ба иштибоҳҳои мурофиавӣ пешгирӣ карда шавад.

6) Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ як қатор тавсияҳои методӣ пешниҳод мегарданд:

а) ворид намудани омодагии ҳатмии равонӣ барои муфаттишон ва омӯзонидани онҳо ба усулҳои тактикии пурсиш, ки ба онҳо дар шинохтани нишонаҳои нишондодҳои бардурӯғ ва манипулясияҳо кумак мекунад;

б) дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ пешбинӣ кардани тавсияҳои иловагии методӣ барои муфаттишоне, ки бо ҷабрдидагон ва шоҳидон дар парвандаҳои дорои хусусияти экстремистӣ кор мекунанд, аз ҷумла тавсифи муфассали тактика ва усулҳои пурсиш дар ҳолатҳои стрессӣ;

в) танзим намудани амалҳои муфаттиш дар ҳолати ба миён омадани вазъияти низоӣ дар ҷараёни пурсиш, бо таваҷҷуҳи махсус ба ҳуқуқҳо ва ҳимояи шоҳидон аз фишори шахсони сеюм, инчунин пешниҳоди омилҳои мушаххаси баҳодиҳии нишондод дар ҳолати мавҷудияти ихтилоф;

г) пешбинӣ кардани имконияти истифодаи воситаҳои техникии муосир барои сабт ва таҳлили далелҳо, ки метавонад ҳамчун воситаи иловагӣ барои ҳалли вазъиятҳои низоӣ хизмат кунад;

д) муҳим аст, ки стандартҳо ва принсипҳои мушаххас оид ба кор бо шахсони мавриди пурсиш ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ бо дарназардошти ҳолати равонӣ-ҳаяҷонии онҳо мустаҳкам карда шаванд, ки ин ба муфаттиш имкон медиҳад муоширати самараноктар ба роҳ монанд ва ба даст овардани далелҳои объективиро таъмин кунанд, махсусан дар ҳолатҳое, ки шахси мавриди пурсиш дар ҳолати ҳаяҷони шадид қарор дорад.

Чораҳои зикршуда метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии раванди тафтишот, беҳтар шудани сифати далелҳои ҷамъовардашуда ва дар натиҷа, ҳалли одилона ва самараноки парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат намоянд.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Муслихиддинзода М.М. Использование поисковых интернет систем при раскрытии преступлений экстремисткой направленности [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2025. – Т. 2. – № 3(50). – С. 236-250; ISSN 2709-6246.

[2-М]. Муслихиддинзода М.М. Криминалистическая харатеристика пресуплений экстремистического характера [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Государствоведение и права человека. – 2025. – №1 (37). – С. 390-401; ISSN 2414 9217.

[3-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Хусусиятҳои экспертизаи муаллифшиносӣ ва истифодаи он дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ [Матн] / М.М. Муслихиддинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 293-301; ISSN 2414 9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[4-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Назаров А.Қ. Тавсифи криминалистикии ҷиноятҳои дорои хусусияти эксремистӣ [Матн] / М.М. Муслихиддинзода, А.Қ. Назаров // Навиди илм: Маҷаллаи илмӣ. – 2025. – С. 152-154.

[5-М]. Муслиҳиддинзода, М.М., Назаров А.Қ. Ташкили ҳамкории муфаттиш бо дигар хадамот ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта [Матн] / М.М. Муслиҳиддинзода, А.Қ. Назаров // IV-уми конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18-уми апрели соли 2025). – 2025. – С. 56-59.

[6-М]. Муслихиддинзода, М.М. Международное сотрудничество Республики Таджикистана в сфере противодействие экстремизму [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Актуальныие проблемы современности: взгляд молодежи международная научно–практическая конференция. –Душанбе, 23 мая 2025. – С. 84-87.

[7-М]. Муслиҳиддинзода, М.М. Нақши муфаттиш дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тафтиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ [Текст] / М.М. Муслихиддинзода // Ҳуқуқи инсон мушкилоти замони муосир: маводи конфренсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисодӣ рақамӣ ва инноватсия» ва қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконияти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 5-уми декабри 2025. – С. 623-628.

**ИНСТИТУТ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА НАНТ**

На правах рукописи

**УКД**:343.32(575-3)
**ББК**:67.99(2).93(2Т)
**М** – 88

**МУСЛИХИДДИНЗОДА МУСНУРИДДИН МУСЛИХИДДИН**

# МЕТОДИКА РАССЛЕДОВАНИЯ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ЭКСТРЕМИСТСКОГО ХАРАКТЕРА

## АВТОРЕФЕРАТ

на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.12. Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность

**ДУШАНБЕ – 2026**

**Диссертация выполнена в институте государства и права Национальной академии наук Таджикистана.**

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Назаров Аваз Кувватович** – доктор юридических наук, профессор кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета. |
| **Официальные оппоненты:** | **Астанов Истам Рустамович** – доктор юридических наук, профессор, начальник кафедры «Криминалистика и судебные экспертизы» Правоохранительной академии Республики Узбекистан. |
| | **Самиев Назар Мурадович** – кандидат юридических наук, доцент Академии МВД Республики Таджикистан. |
| **Ведущая организация:** | Межгосударственное образователь - ное учреждение высшего профессионального образования «Российско-Таджикский (Славянский) университет» |

Защита диссертации состоится 23 апреля 2026 г. в 14.00 часов на заседании Диссертационного совета 6D КОА-43 при Академии Министерства внутренних дел Республики Таджикистан (734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3, зал Диссертационного совета Академии МВД РТ). С диссертацией можно ознакомиться на сайте https://avkd.tj/ru/ и в библиотеке Академии МВД Республики Таджикистан (734012, г. Душанбе, улица М. Мастонгулова, 3).

Автореферат разослан «___» ______ 2026 г.

**Учёный секретарь диссертационного совета, кандидат юридических наук, доцент Сафарзода Х.С.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** В результате интенсивных политических и идеологических конфликтов, происходящих в современном мире, ситуация с преступностью значительно обострилась. Причем эта преступность отличается самой различной направленностью. Если говорить о Республике Таджикистан, то здесь в последнее время наблюдается рост преступлений экстремистской направленности, совершаемых на фоне религиозной, национальной и идеологической нетерпимости. Эти преступления представляют прямую угрозу государственной безопасности, стабильности и миру в стране. Формы проявления экстремизма из года в год совершенствуются, в первую очередь благодаря активному использованию современных технологий, в том числе информационно-коммуникационных, что затрудняет деятельность правоохранительных органов по его выявлению, предупреждению и расследованию. В связи с этим, можно говорить о необходимости комплексного научно-практического анализа особенностей криминалистических признаков данных преступлений и разработке эффективных методов их раскрытия.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, в своем очередном послание в Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2024 года отмечал, что для подготовки высококвалифицированных кадров, которые отвечают требованиям современных условий для правоохранительных органов и военных структур, необходимо повысить их компетентность, а также их техническое обеспечение, так как терроризм и экстремизм сегодня стали глобальной угрозой и проблемой для всего человечества [1].

Несмотря на успешные результаты борьбы с терроризмом и экстремизмом, применение новых технологий борьбы с преступлениями экстремистского характера в странах СНГ, угрозы в данной области всё же растут. Статистические данные в СНГ (на примере Республики

Беларусь, Российской Федерации, Республики Узбекистан и Республики Таджикистан) вызывают беспокойство. Например, в Республике Беларусь рост экстремистской активности по сравнению с 2022 годом повысился на 3,4%. В Казахстане, наоборот, наблюдалось снижение экстремистских преступлений в 2020-2021 гг., и резкий рост наблюдался в 2022 году – на 50% по сравнению с 2020–2021 годами. Статистические данные Узбекистана и Таджикистана свидетельствуют о том, что в этих странах тоже наблюдаются разные динамики преступности. В Таджикистане до 2021 г. прослеживался рост экстремистских преступлений, а в 2022 г. – их снижение на 0,8%. В 2023 г. этот показатель увеличился на 24,6% по сравнению с 2022 г. В Российской Федерации динамика роста данного показателя, наблюдавшаяся с 2019 по 2022 г., в 2023 г. сменилась его снижением (–14,4% по сравнению с 2022 г.). В Республике Узбекистан, где в 2021-2022 гг. также наблюдался рост аналогичных преступлений, в 2023 г. было зафиксировано снижение (на 13,2 % по сравнению с 2022 г.) [21].

В криминалистической литературе отмечается, что для создания криминалистической характеристики преступления используются многочисленные криминалистические элементы этой структуры, что приводит к неправильной характеристике преступления, так как увеличение численности криминалистических элементов преступления является неэффективным методом исследования преступлений. Элементов криминалистической характеристики преступления не может быть слишком много.

Нужно отметить, что несмотря на определенные успехи в области противодействия экстремизму и преступлениям экстремистского характера, в науке криминалистики имеется много нерешенных вопросов относительно проблемы криминалистической характеристики преступления экстремистского характера. Например, до сих пор не исследованы проблемы производства следственных действий и их тактика при расследовании преступлений экстремистского характера

Соответственно, необходимым условием формирования общей криминалистической методики расследования преступлений является выяснение их криминалистической сущности, выявление следственно значимых признаков, общность которых облегчает процесс расследования и позволяет определить их криминалистическую классификацию.

Одним из важных вопросов современной криминалистики является также уточнение порядка расследования преступлений. В соответствии с Особенной частью УК РТ преступления экстремистской направленности представляют собой особую категорию преступлений. Эти преступления обычно совершаются субъектами с целью насильственного изменения основ конституционного строя, насильственного захвата или удержания власти и нарушения территориальной целостности государства, а также дестабилизации общественного порядка.

В качестве мотивов данных преступлений выступают идеологические, национальные, политические и религиозные аспекты. Действительно, преступления экстремистского характера создают угрозу национальной безопасности и характеризуются повышенной общественной опасностью, так как посягают на основы государственного и общественного строя.

На основе этих признаков и будет определяться порядок расследования указанных преступлений. Актуальным остается и вопрос организации взаимодействия следователя и оперативных подразделений, а также использования специальных знаний в процессе расследования.

Можно сделать несколько выводов об актуальности расследования преступлений экстремистской направленности. Во-первых, данные преступления имеют некоторые особенности, которые требуют специального подхода в их расследовании. Во-вторых, определение криминалистической характеристики является важным для успешного расследования. Преступления экстремистского характера требуют от следственных органов и других подразделений

правоохранительных органов взаимодействия для более эффективного расследования.

**Степень изученности темы исследования.** Краткому исследованию проблем расследования преступлений экстремистской направленности в русле основных изучаемых ими тем уделили внимание такие учёные-криминалисты и правоведы, как Р.С. Белкин [23], Л.Я. Драпкин [5], Л.А. Соя–Серко [10], В.В. Степанов [4], М.С. Строгович [11]. Но гораздо активнее правоведами изучались проблемы общей методики расследования преступлений. В частности, им посвятили свои диссертационные работы К.А. Алексаньян [2], В.П. Бахин [14], В.И. Брылев [15], А.В. Варданян [16], Н.Н. Васильев [3], В.Г. Выстропов [17], В.О. Давыдов [24], Д.Н. Еремин [25], И.В. Загребина [18], В.С. Капица [26], Р.В. Кулешов [27], А.М. Кустов [19], А.Ф. Лубин [28], М.Л. Подкатилина [22], Д.П. Рассейкин [7], И.В. Семенова [29], О.М. Ушаков, [30], Н.П. Яблоков [12], и др.

Этими учёными были рассмотрены вопросы, связанные с условиями производства следственного действия и механизмом получения доказательств в процессе его реализации.

Некоторые аспекты расследования преступлений и связанных с ними различных проблем были глубоко проанализированы отечественными учёными – З.Х. Искандаров [6], А.К. Назаров [20], Р.Р. Рахмаджонзода [8], Н.М. Самиев [9], З.Д. Ямокова [13]. При этом следует отметить тот факт, что практические и теоретические вопросы расследования преступлений экстремистской направленности до настоящего времени ещё не были предметом комплексного, всестороннего научного исследования ни в отечественной криминалистике, ни в зарубежной, что ещё больше повышает значимость и актуальность представленной автором работы.

**Связь исследования с программами, либо научной тематикой.** Данное диссертационное исследование выполнено в рамках научных проектов отдела государственного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана и «Государственной программы по борьбе с преступностью в Республике Таджикистан на 2021-2030 годы»,

